Тасдиқ мекунам,
Муовини якуми Вазири рушди иқтисод
ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
роҳбари Гурӯҳи корӣ

______________Солеҳзода А. А.

“30”ноябри соли 2022

ПРОТОКОЛИ №10

ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба гузаронидани таҳлил ва баҳодиҳии ҷараёни иҷрои барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ дар соли 2022 дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 ноябри соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ ва мутахассисони вазорату идораҳо (руйхат замима мегардад).

**Иштирок надоштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ аз вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, кишоварзӣ, нақлиёт, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”, Ҷалолзода М.,-сардори дурнамосозӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсати макроиктисодӣ, Муҳаммади Одина-сардори Раёсати рушди соҳаҳои кишоварзӣ, иқтисоди сабз ва экология.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти Байналмилалии меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020-2024» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020, №430 );

2.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293);

3.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2019-2022» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2021, №370);

4.Муҳокимаи натиҷаи ҷараёни иҷрои «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №389).

Ҷаласаро роҳбари Гурӯҳи корӣ, Муовини якуми вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳзода А. А. ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо рӯзномаи он шинос намуд.

Вобаста ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти Байналмилалии меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020-2024» Фирӯза Ҳабибӣ- Муовини сардори раёсати муносибатҳои меҳнатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯнамо пешниҳод намуд.

Гузориш дода шуд, тайи солҳои 2020-2021 ва 9 моҳи соли 2022 Намояндагии ТБМ, дар маҷмуъ, ҷиҳати ташкили чорабиниҳои дар доираи Барномаи меҳнати арзанда пешбинишуда мусоидат намуда, баргузории саривақтии онҳо дар ҳамкорӣ бо вазорат ва шарикони иҷтимоӣ таъмин гаштаанд.

Оид ба рафти иҷрои барномаи мазкур Солеҳзода А., Бозиев К., ва Одиназода М., ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуда, пешниҳод намуданд, ки ҳисобот бо назардошти ҷадвали ҷамъбастӣ оид ба иҷрои он аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ таҳлил гардида, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод карда шавад.

Инчунин, таъкид гардид, ки чораёнӣ мониторинг ва арзёбии амалишавии Барномаи мазкур дар доираи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 “Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбиии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мутобиқ карда шавад.

Вобаста ба чараёни иҷрои «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293 тасдиқ шудааст, Солеҳзода Умед - Муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш манзур намуд.

Муайян гардид, ки дар 10 моҳи соли 2022 истихроҷи ангишт аз ҷониби 14 корхонаи соҳа дар 11 кон ба миқдори 2026,3 ҳазор тонна расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 278,3 ҳазор тонна зиёд буда, захираи ангишт дар анбори корхонаҳо бо назардошти бақияи соли сипаригардида 315,9 ҳазор тоннаро ташкил додааст.

Корхонаҳои соҳаи саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳо дар даҳ моҳи соли 2022 ба маблағи 10777,8 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда, суръати афзоишро назар ба ҳамин давраи соли 2021 106,5% ё ин, ки 660,5 млн. сомонӣ зиёд таъмин намуданд. Корхонаҳои соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия дар доираи Барномаи мазкур дар соли 2019 ба маблағи 2029,3 млн сомонӣ, соли 2020 ба маблағи 1986,3 млн сомонӣ, соли 2021 ба маблағи 2386,1 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки суръати афзоиши истеҳсоли

маҳсулот мутаносибан назар ба дурнамои соли 2020, 82,7 %, соли 2021, 83,6 таъмин гардидааст. Дар соҳаи саноати масолеҳи сохтмон бошад, зиёда 30 номгӯи масҳсулотҳои сохтмонӣ истеҳсол гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар 10 моҳаи соли ҷорӣ 3,2 млрд сомонӣ баробар гардида, ҳиссаи соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ 9,6 фоизро ташкил дода, дар соҳаи саноати сабук 32 корхонаю коргоҳ бо 534 ҷойи корӣ соли 2020, 87 корхонаю коргоҳ бо 1326 ҷойи корӣ соли 2021 ва 81 корхонаю коргоҳ бо 1087 ҷойи корӣ давоми моҳҳои январ-октябри соли 2022 ба истифода дода шудааст.

Оид ба масъалаи мазкур Солеҳзода А., Бозиев К., Аҳадзода Б. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Тибқи рузномаи ҷаласа вобаста ба "Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2019-2022" Амирбекзода Ҳабибулло-Муовини якуми Раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2021, №370 дар шакли рӯнамо гузориш пешниҳод намуд.

Стратегия мазкур, тавассути се давраи миёнамуҳлати , ки ҳар яки он 4 сол амалӣ мегардад, ки дар он ба самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи сайёҳӣ диққати асосӣ равона карда шудааст. Нақшаи чорабиниҳои Стратегияи мазкур ба ҳолати 18 ноябри соли 2022 аз 2,9 млн. сомонӣ пешибинишуда 2,5 млн. сомонӣ азхуд гардидааст, ки 86 фоизи иҷрои нақшаро ташкил додааст.

Вобаста ба масъалаи чоруми рӯзномаи ҷаласа оид ба иҷрои «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020-2025» Ташрифзода Мунавваршоҳ-Муовини якуми Раиси шаҳри Кӯлоб, гузоришро дар шакли рӯнамо пешниҳод намуд.

Иҷрои Барномаи мазкур дар солҳои 2020-2021 ва 9 моҳи соли 2022 аз 225 лоиҳаи Нақша дар 45 лоиҳа ба маблағи 376,8 млн сомонӣ пурра ичро гардида, дар 40 лоиҳа бо маблағи 251,3 млн. сомонӣ корҳо идома дорад, ки иҷрои он 37,8 фоизро ташкил додааст.

Пешниҳод карда шуд, ки мониторинг ва арзёбии амалишавии Барномаи мазкур ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 "Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбиии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" мутобиқ карда шавад.

Дар охири ҷаласа бо дарназардошти қайдҳои боло чунин қарор қабул карда шуд:

1. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи иҷрои «Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва ташкилоти Байналмилалии меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020-2024»-ро бо дарназардошти эроду пешниҳодҳо такмил дода, то 5 декабри соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

2.Раёсати рушди иҷтимоӣ (Файзуллозода Ф.) ҳисоботи ҷараёни амалишавии «Барномаи ҳамкорӣ байни шарикони сетарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоти Байналмилалии меҳнат оид ба меҳнати арзанда барои солҳои 2020-2024»-ро бо назардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида то 16 декабри соли 2022 такмил дода, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

3. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи ҷараёни татбиқи «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025»-ро бо назардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида такмил дода, то 5 декабри соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

4.Сарраёсати рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт (Аҳадзода Б.) ҳисоботи иҷрои «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025»-ро бо назардошти эроду таклифҳо такмил дода, то 16 декабри соли 2022 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд;

5. Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи ҷараёни иҷрои «Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2019-2022»-ро тибқи пешниҳодҳо такмил дода, то 5 декабри соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

6.Сарраёсати сиёсати савдо ва бозори истеъмолӣ (Зиёиён А.) ҳисоботи ҷараёни татбиқи «Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои солҳои 2019-2022»-ро бо назардошти эроду таклифҳои пешниҳодгардида то 16 декабри соли 2022 такмил дода, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

7.Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб гузориш оид ба иҷрои «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020-2025»-ро бо дарназардошти эроду пешниҳодҳо такмил дода, то 5 декабри соли 2022 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо барои ҷамъбаст пешниҳод намояд;

8.Раёсати рушди минтақаҳо ва мониторинги иҷрои барномаҳои миллӣ (Бозиев К.) ҳисоботи ҷараёни амалишавии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020-2025»-ро бо назардошти эроду

таклифҳои пешниҳодгардида то 16 декабри соли 2022 такмил дода, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Котиби масъул Ҳ. Мавлонова